**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

аз 2 декабри соли 2014 №762
ш. Душанбе

«Дар бораи Тартиби ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет - портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020»

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Тартиби ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет-портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳои дахлдор иҷрои Тартиби мазкурро таъмин намоянд.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

**Бо қарори**
**Ҳукумати Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон**
**аз 2 декабри соли 2014,**
**№762 тасдиқ шудааст**

## ТАРТИБИ
**ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет-портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020**

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет-портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №227 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», аз 12 декабри соли 2012, №687 «Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020» ва аз 12 феврали соли 2013, №38 «Дар бораи муайян намудани мақваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ» таҳия гардида, масъалаҳои асосии ҷамъоварӣ ва паҳнкунии иттилоотро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ муайян менамояд.
2. Тартиби ҷамъоварӣ ва паҳнкунии иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти махфианд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
3. Мақсади Тартиби мазкур аз ташкили механизме иборат мебошад, ки ба ҷамъоварӣ ва ҷойгиркунонии иттилооти соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар

Интернет-портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 (минбаъд - Интернет-портали миллии инноватсионӣ) равона карда шудааст.

4. Ҷамъоварии иттилоотии пешниҳодшаванда дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ бо мақсади зерин амали мегардад:

- фаъолияти самарабахши Интернет-портали миллии инноватсионӣ ;
- таъмини дастраси умумии иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ;
- қонеъ гардонидани дархостҳои иҷрокунандагон ва истифодабарандагони барномаҳо;
- тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ барои татбиқӣ онҳо дар истеҳсолот.

## II. Тартиби ҷамъоварии иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ

5. Ҷамъоварии иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар асоси пешниҳоди иттилоотии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои илмию тадқиқотии соҳавӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - иҷрокунандагони барномаҳо), ки бо самти фаъолияти иҷрокунандагон вобаста мебошад, сурат мегирад.

6. Ҷамъоварии иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ аз сохторҳои ғайриҳукуматӣ аз ҷумла ширкатиҳо хусусӣ ва муштарак, ҷамъиятҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, технопаркҳо, технополисҳо, инкубаторҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва соҳибкорони хурду миёна дар асоси ҳамкории муштарак ва ба таври ихтиёрӣ амалӣ карда мешаванд.

7. Ҷамъоварии иттилоотро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Маркази миллӣ) тибқи Феҳристи замимагардида таъмин менамояд.

8. Иҷрокунандагони барномаҳо иттилооти соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳниро тибқи намунаи аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои чт тасдиқ гардида дар шакли электронӣ тавассути суроғаи электронии **navovary@ncpi.tj** ва шакли мухтасари чопӣ ҳар се моҳа бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ба Маркази миллӣ пешниҳод менамоянд.

9. Дар сурати, агар иттилоот муҳим ва фаврӣ бошад, иҷрокунандагони барномаҳо иттилооти дахлдорро новобаста ба мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод менамоянд.

10. Иҷрокунандагони барномаҳо иттилоотро дар бораи объектҳои моликияти зеҳнӣ дар сурате пешниҳод менамоянд, ки мақсади соҳибони онҳо тиҷоратикунонии чунин объектҳо бошад.

11. Иҷрокунандагони барномаҳо вазифадоранд як маротибадар ним солиттилооти дар Интернет-портали миллии инноватсионӣ ҷойгир кардаашонро таҷдид намоянд ва ба Маркази миллӣ маълумоти дахлдорро пешниҳод кунанд.

## III. Назорати фаъолияти Интернет-портали муттаҳидаи барномаҳо

12. Назорати фаъолияти самарабахши Интернет-портали миллии инноватсиониро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

13. Маркази миллӣ таҳлили саҳеҳ ва мукаммалии маълумотро таъмин намуда, ҳар нимсола дар бораи иҷрои талаботи Тартиби мазкур ва фаъолияти Интернет-портали миллии инноватсионӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод менамояд.

**IV. Паҳн намудани маълумот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ**

14. Маълумот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳниро Маркази миллӣ ба воситаи «Интернет-портали миллии инноватсионӣ» дар шабакаи Интернет бо суроғаи **www.innovation.tj** паҳн менамояд.

**Замима**

ба Тартиби ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет-портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020

**ФЕҲРИСТИ**

**иттилооте, ки аз тарафи иҷрокунандагони Барномаҳо ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба самти онҳо барои ҷойгир намудан дар Интернет-портали миллии инноватсионӣ пешниҳод карда мешаванд**

Ҷиҳати иҷрои банди 26 Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти зерин пешниҳод карда мешавад:

а) дар бораи таҳиякунандагони технология ва маҳсулоти инноватсионӣ;

б) дар бораи истеъмолкунандагони инноватсияҳо;

в) дар бораи нерӯи илмӣ ва илмию техникии мамлакат, натиҷаҳои тадқиқотӣ илмӣ ва татбиқи амалии коркардҳо;

г) дар бораи нашрияҳои илмии олимони Тоҷикистон дар мамлакат ва хориҷ аз он;

д) дар бораи дархостҳои патентӣ ба ихтироот;

е) дар бораи иҷрои лоиҳаҳо бо дастгирии молиявии ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ;

ж) дар бораи коркардҳои навтарини инноватсионӣ;

з) дар бораи ташкилотҳое, ки ҷиҳати тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ фаъолияти маркетингӣ мебаранд;

и) дар бораи заминаи техникию технологии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, марказ ва муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, корхонаҳо ва ба монанди инҳо;

к) дар бораи манбаъҳои маблағгузории инноватсияҳо;

л) санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ ва моликияти зеҳнӣ;

м) дар бораи захираҳои кадрӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;

н) дар бораи вазъи иқтисодиёт дар мамлакат, воридот ва содирот, дар бораи нархи мол ва маҳсулоти воридшаванда, ҳаҷми фурӯши онҳо дар ҳудуди мамлакат;

о) шумораи шаҳодатномаҳои муаллифӣ ба ҳуқуқи селексионер, ки аз тарафи Муассисаи давлатии «Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд;

п) номгӯи патентҳо ба намунаи саноатӣ ва ихтироот;

р) дар бораи лоиҳаҳои инноватсионӣ (ки бояд татбиқ шаванд ё ба сармоягузорӣ ниёз доранд);

с) номгӯи дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки барои тиҷоратикунонӣ пешниҳод мегарданд;

т) маълумот дар бораи татбиқи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ва ихтироъкорӣ.